**Тақриз**

**Ба автореферати диссертатсияи Разоқова Фотима Сафармадовна дар мавзӯи «Таҳқиқи ирсияти аломатҳои арзишноку хоҷагидории дурагаҳои дохилинамудии намунаҳои аз ҷиҳати ҷуғрофӣ дури пахтаи миёнанах», кибарои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.01.05 Селексия ва тухмипарвари растаниҳои кишоварзи пешниҳод шудааст.**

Мавзӯи таҳқиқот оиди таҳқиқи ирсияти аломатҳои арзишноку хоҷагидории дурагаҳои дохилинамудии намунаҳои аз ҷиҳати ҷуғрофӣ дури пахтаи миёнанах дар шароити водии Ҳисор гузаронида шудааст.

Бори нахуст дар шароити Тоҷикистони Марказӣ ирсияти аломатҳои арзишноки хоҷагидории дурагаҳои дохили намудии дурагаи соли якум ва дуюм дар мавриди дурагакунии навҳои ватании серҳосили пахтаи миёнанах бо навъҳои ҷуғрофӣ дур ба даст оварда шуда бо аломатҳои арзишноки селексионӣ таҳқиқ карда шудааст.

Ҳосилноки нишондоди мураккаби полигени буда, бо ягон таҳлили генетикӣ шарҳ дода намешавад. Ва таҳлил намудани ҳамаи омилҳое, ки ба он таъсир мерасонанд, хусусан аз микдори зиёди онҳо вобастагӣ дорад. Дар давоми солҳои таҳқиқот ҳосили умумии дурагаҳои таҳқиқшавандаи насли якум ($F_1$) аз 88,0 то 118,0 грамм дар як растани тағир ёфтааст, аломатҳои аз навъҳои ибтидоии модарӣ ва падари мегузаранд.

Аз рӯи нишондоди диссертант Разоқова Ф.С дурагаҳо бо ҳосилнокии 100,2 грамм дар растанӣ ва зиёда аз он ҷудо мешаванд. Дар дурагаҳои NAK-99/1хМерҳгон, Назилли 66/100 х К-4388, Назилли-84-S х К-9728, Назилли х К-7292, Назилли-342 х К-5959, Мендерез х К-08449, Наппа-122 х Cocer ва ГСН-12 х К-08628.

Аз рӯи аломатҳои хоҷагидорӣ ҳосилнокӣ, баромади нах ва тезпазии дурагаи насли якум ($F_1$) маълум карда шудааст, ки аз навъҳои волидайни бартари нишон доданд, комбинатсияҳои АС-4 х Деҳқон, Guz-$F_3$ х Сорбон, DPL-4158 х Ирам-1МН, Назилли-5 х К-9728, Сахин-2000 х Синруджун-1, Госсупол суз Назилли х К-7292. Ҳосилноки, вазни пахтаи як курак, баромади нах дар дурагаи соли дуюм ($F_2$) дар комбинатсияҳои: АС-4 х Деҳқон, DPL-4158 х Ирам-МН, ДР-5111 х Тезпур(5802), Аудин-100 х К-08388, Госсупол суз Назилли х К-7292, бартари доранд.

Кори диссертатсионии Разоқова Фотима Сафармадовна доир ба мавзӯи «Таҳқиқи ирсияти аломатҳои арзишноку хоҷагидории дурагаҳои дохили намудии намунаҳои аз ҷиҳати ҷуғрофӣ дури пахтаи миёнанах» тибқи аҳамиятноки, муҳимият, навгони, эътимодноки ва асоснокии илмии ба талаботи «Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ, тартиб додани дараҷаҳо ва дивони илми ва тартиби ба қайдгирии давлатии рисолаҳои илмии ҳимоя» тахти № 505 аз 26 ноябри соли 2016 пурра мувофиқ

буда, муаллиф барои гирифтани дарачаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.01.05 селексия ва тухмипарварӣ сазовор мебошад.

Корманди калони шуъбаи
Селексияи пахта дар Филиали
Институти зироаткорӣ дар
вилояти Хатлон, номзади
Илмҳои кишоварзӣ Сангинов А.С

Суроға: 735140,Ҷумҳурии Тоҷикистон
вилояти Хатлон ш. Бохтар маҳалаи
Сарҷашма, кучаи Муқанаъ 23
Тел: 919540820

Имзои шахсии Сангинов А.С. тасдиқ менамоям
Нозири шӯъбаи кадрҳо
Филиали Институти зироаткорӣ
дар вилояти Хатлон Баротов И.М.

17. 11. 2023.